**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «1» апрели соли 2021 № 106/фи ш. Душанбе

Оид ба радкунии додани
унвони илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504), бандҳои 121 ва 122 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 12 декабри соли 2020, № 1/665 оид ба додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Забоншиносӣ ба Джамирова Леммара Иосифовна бинобар риоя нагардидани Дастурамал оид ба тартиби баррасии масъалаҳои додан, маҳрум сохтан ва барқарор намудани унвонҳои илмӣ ва тартиби барасмиятдарории парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти унвонҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017, №2/5) рад карда шавад.
2. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2021, №3.

Раис Розиқзода А.